# 4. ҚАТЪНОМАИ 64/198 – ШАРҲИ МИЁНАМУҲЛАТИ ҲАМАҶОНИБАИ ҶАРАЁНИ БАРГУЗОРИИ ДАҲСОЛАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АМАЛ "ОБ БАРОИ ҲАЁТ", СОЛҲОИ 2005-2015

Қатъномаи 64/198, ки 21 декабри соли 2009 қабул гардид, марҳалаи миёнаравиро дар иҷрои яке аз муҳимтарин равандҳои байналмилалии обӣ – Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» (2005-2015) нишон дод. Ин ташаббус, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуда ва бо қатъномаи 58/217 соли 2003 тасдиқ гардида буд, ба ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба мушкилоти мураккаби вобаста ба захираҳои об равона гардид. Қатъномаи 64/198 на танҳо як гузориши таҳлилӣ, балки амали сиёсӣ низ буд, ки ҳадафи он сафарбар сохтани кӯшишҳои минбаъда дар панҷсолаи боқимонда буд.

Вазифаи асосии ҳуҷҷат гузаронидани арзёбии воқеии дастовардҳо, муайян кардани камбудиҳои сохторӣ дар татбиқи ҳадафҳо ва ташаккули самтҳои афзалиятнок барои солҳои 2010-2015 буд. Ҳуҷҷат бар асоси хулосаҳои сохторҳои СММ, пеш аз ҳама Департаменти масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ (UNDESA), Барномаи рушди СММ (UNDP), ЮНЕСКО ва дигар муассисаҳои шарик таҳия гардида буд.

Тоҷикистон, бо пешниҳоди ин қатънома, бори дигар садоқати худро ба принсипҳои масъулияти экологӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои об ва ҳамбастагии ҷаҳонӣ дар соҳаи рушди устувор таъкид намуд. Бар хилофи бисёре аз кишварҳое, ки танҳо ташаббусҳои омодаро дастгирӣ мекарданд, Тоҷикистон нақши меъмори тамоми сохтори институтсионалии даҳсола ва назорати иҷрои онро ба уҳда гирифт.

Ҳангоми қабули қатънома, Тоҷикистон аллакай таҷрибаи назаррас дар соҳаи дипломатияи об, аз ҷумла дар Осиёи Марказӣ, ки дар он табиати фаромарзии захираҳои об талабгори ҳамкории махсус мебошад, ба даст оварда буд. Ин таҷриба имкон дод, ки Тоҷикистон бо далел зарурати арзёбии миёнаравиро бо ишора ба нобаробарии дастрасӣ ба об, зарурати ҳифзи манбаъҳои об, густариши технологияҳои тозакунӣ ва сарфакорӣ, инчунин таҳкими иқтидори муассисаҳои миллӣ ва маҳаллӣ дар кишварҳои рӯ ба рушд пеш барад.

Қатъномаи 64/198 як қатор самтҳои муҳимро дар бар мегирифт, аз ҷумла:

- ташвиқи давлатҳои аъзо ба гузаронидани баррасиҳои миллӣ оид ба татбиқи ҳадафҳои даҳсола;
- мусоидат ба рушди шарикии байналмилалӣ барои рушди иқтидор дар бахши об;
- дастгирии ташаббусҳои таълимӣ ва илмӣ ҷиҳати тавсеаи дониш дар бораи масъалаҳои об;
- рушди платформаҳои институтсионалӣ барои мубодилаи таҷриба ва технологияҳои пешрафта.

Маҷмаи Умумӣ давлатҳои аъзо, сохторҳои СММ, созмонҳои молиявии байналмилалӣ ва ташкилотҳои ғайриҳукуматиро даъват намуд, ки фаъолияташонро барои татбиқи ҳадафҳои даҳсола тақвият диҳанд. Дар ин замина, ба масъалаи маблағгузории лоиҳаҳои обӣ, дастгирии таҳқиқоти илмӣ ва беҳсозии дастрасӣ ба обу санитария барои аҳолии деҳот ва қишрҳои осебпазир таваҷҷуҳи махсус дода шуд.

Илова бар ин, пешниҳод гардид, ки механизмҳои платформаҳои минтақавӣ ва форумҳои махсус, аз қабили Форуми ҷаҳонии об, Ҳафтаи оби Осиё ва Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи об, ҳамчун минбар барои арзёбӣ ва мубодилаи таҷриба истифода шаванд.

Қатъномаи 64/198 ба суръатбахши пуриқтидор барои қадамҳои минбаъда дар соҳаи идоракунии ҷаҳонии захираҳои об табдил ёфт. Яке аз натиҷаҳои асосии он баргузории як қатор чорабиниҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ дар солҳои 2010-2013 буд, ки дар онҳо сабақҳои нимаи аввали даҳсола баррасӣ гардида, роҳҳои нав барои таъмини об, санитария, обёрии устувор, ҳифзи экосистемаҳо ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим муайян карда шуданд.

Илова бар ин, арзёбии миёнаравӣ заминаи устувор барои ташаббуси минбаъда – Соли байналмилалии ҳамкориҳои об – фароҳам овард ва пайдарпайии ташаббусҳо ҳифз гардид.

Натиҷаи муҳим ин буд, ки масъалаҳои об ба ҳайси мавзуи бисёрсоҳа эътироф шуда, зарурати пайвастани он бо дигар бахшҳои рушди устувор, аз ҷумла маориф, тандурустӣ, энергетика ва кишоварзӣ таъкид гардид.

Созмони Милали Муттаҳид
**A**/RES/64/198

**Маҷмаи Умумӣ**

Distr.: General
25 February 2010

**Иҷлосияи шасту чорум**

Банди 53 *а* барномаи рӯз

## Қатънома, ки аз тарафи Маҷмаи Умумӣ 21 декабри соли 2009 қабул гардидааст

*[аз рӯи маърӯзаи Кумитаи дуюм (A/64/420/Add.1)]*

### 64/198. Шарҳи миёнамуҳлати ҳамаҷонибаи ҷараёни баргузории Даҳсолаи байналмилалии амал "об барои ҳаёт", солҳои 2005-2015

*Маҷмаи Умумӣ,*

*бо истинод* ба қатъномаи 55/196 аз 20 декабри соли 2000, ки дар он соли 2003 Соли байналмилалии оби тоза эълон шудааст, қатъномаи 58/217 аз 23 декабри соли 2003, ки дар он давраи солҳои 2005-2015, аз Рӯзи ҷаҳонии захираҳои об 22 марти соли 2005, Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои ҳаёт" эълон шудааст, ва қатъномаи 59/228 аз 22 декабри соли 2004,

*махсусан қайд карда*, ки захираҳои об барои рушди устувор, аз ҷумла ҳифзи муҳити зист ва рафъи камбизоатӣ ва гуруснагӣ аҳамияти ҳалкунанда доранд ва барои таъмини саломатӣ ва некӯаҳволии одамон комилан заруранд,

бо истинод ба муқаррароти Рӯзномаи асри XXI[1], Барномаи амал оид ба татбиқи минбаъдаи Рӯзномаи асри XXI, ки дар иҷлосияи нуздаҳуми махсуси он қабул шудааст[2], Нақшаи иҷрои қарорҳои Вохӯрии сатҳи олии ҷаҳонӣ оид ба рушди устувор ("Нақшаи иҷрои қарорҳои Йоханнесбург")[3] ва қарорҳои Шурои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ва Комиссияи рушди устувор дар иҷлосияи шашуми он[4], вобаста ба оби тоза,

бо тасдиқи дубораи ҳадафҳои рушди дар сатҳи байналмилалӣ мувофиқашуда оид ба обтаъминкунӣ ва беҳдошт, аз ҷумла ҳадафҳои дар

---

[1] *Ҳисоботи Конфронси Созмони Милали Муттаҳид оид ба муҳити зист ва рушд, Рио-де-Жанейро, 3-14 июни 1992, ч. I, Қарорҳои дар Конфронс қабулшуда (нашри Созмони Милали Муттаҳид, фурӯш № E.93.1.8 ва тасҳеҳ), қатъномаи 1, замимаи II.*

[2] *Қатъномаи S-19/2, замима*

[3] *Гузориши Саммити умумиҷаҳонӣ оид ба рушди устувор, Йоханнесбург, Африқои Ҷанубӣ, 26 август – 4 сентябри 2002 (нашри Созмони Милали Муттаҳид, Фурӯши № E.03.P.A.1 ва тасниф), боби. I, қарори 2, замима*

[4] *Ниг. Сабтҳои расмии Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, 1998, Замимаи № 9 (E/1998/29)*

Эъломияи ҳазорсолаи Созмони Милали Муттаҳид[5] таҳияшуда ва азми қавӣ барои расидан ба ҳадафи то соли 2015 ду баробар кам кардани ҳиссаи аҳолӣ, ки ба оби тозаи ошомиданӣ дастрасӣ надоранд, аз ҷумла аз сабаби нарасидани маблағ, ва ҳадафҳои дар Нақшаи иҷрои қарорҳои Йоханнесбург муқарраршуда барои ду маротиба коҳиши ҳиссаи аҳолӣ, ки ба хизматрасонии асосии санитарӣ дастрасӣ надоранд, инчунин то соли 2005 нақшаҳои идоракунии комплексии фаъолияти хоҷагии об ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи об ҳангоми кӯмак ба кишварҳои рӯ ба инкишоф таҳия карда шаванд,

бо истинод ба қатъномаҳои Шуро оид ба ҳуқуқи инсон 7/22 аз 28 марти соли 2008[6] ва 12/8 аз 1 октябри соли 2009[7] дар бораи ҳуқуқи инсон ва дастрасӣ ба оби тозаи ошомиданӣ ва хизматрасонии санитарӣ,

бо дарназардошти кӯшишҳои дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ андешидашуда оид ба гузаронидани Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои ҳаёт", солҳои 2005-2015 ва тавсияҳои сершумор оид ба натиҷаҳои чорабиниҳои дар сатҳи байналмилалӣ ва минтақавӣ гузаронидашуда оид ба мушкилоти захираҳои об ва масъалаҳои марбута оид ба татбиқи амалҳои мушаххас барои суръат бахшидан ба пешрафт дар ҳама сатҳҳо ба манфиати ноил шудан ба ҳадафҳои дар сатҳи байналмилалӣ мувофиқашуда оид ба захираҳои об ва дар Рӯзномаи асри XXI, Барномаи амал оид ба татбиқи минбаъдаи Рӯзномаи асри XXI, Эъломияи ҳазорсолаи Созмони Милали Муттаҳид ва Нақшаи иҷрои қарорҳои Йоханнесбург овардашуда,

инчунин бо назардошти баргузории 16-22 марти соли 2009 дар Истамбули Туркия, Форуми панҷуми ҷаҳонии об ва қайд кардани он, ки Форуми шашуми ҷаҳонии об моҳи марти соли 2012 дар Марсели Фаронса баргузор мешавад,

1. ҳисоботи Дабири кулро ба инобат мегирад[8];

2. чорабиниҳои марбут ба баргузории Даҳсолаҳои байналмилалии амал "Об барои ҳаёт", солҳои 2005-2015-ро истиқбол мекунад, ки аз ҷониби давлатҳои аъзо, Котибот ва ташкилоти Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид амалӣ карда шуданд, аз ҷумла дар самти корҳои байниидоравӣ, инчунин саҳми гурӯҳҳои асосӣ, ва аҳамияти гузаронидани Даҳсоларо дар сатҳи кишварҳо махсус қайд мекунад;

3. ба давлатҳои аъзо, Котибот, ташкилоти Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид тавсия медиҳад, ки тавассути механизми ҳамоҳангсозии онҳо амал мекунанд ва гурӯҳҳои асосӣ кӯшишҳои худро барои ноил шудан ба ҳадафҳои дар сатҳи байналмилалӣ мувофиқашуда дар соҳаи захираҳои об, ки дар Рӯзномаи асри XXI[1], Барномаи амал оид ба

---

[5] *Ниг. қарори 55/2*
[6] *Ниг. ба сабтҳои расмии Маҷмаи Умумӣ, Иҷлосияи 63-юм, Замимаи № 53 (A/63/53), боби. II*
[7] *Ниг. A/HRC/12/50, қисми якум, боби I*
[8] *A/59/167 ва A/60/158*

татбиқи минбаъдаи Рӯзномаи асри XXI[2], Эъломияи ҳазорсолаи Созмони Милали Муттаҳид[5] ва Нақшаи иҷрои қарорҳои Йоҳаннесбург[3] дарҷ гардидаанд, идома диҳанд;

4. кори Комиссияи рушди устуворро дар сессияҳои дувоздаҳум, сездаҳум, шонздаҳум ва ҳабдаҳуми он оид ба мушкилоти захираҳои об ва беҳдошт истиқбол мекунад ва интизор аст, ки Комиссия дигар чорабиниҳои дахлдорро амалӣ кунад;

5. пешниҳоди саховатмандонаи Ҳукумати Тоҷикистонро барои баргузории конфронси байналмилалии сатҳи баланд дар кишвар дар моҳи июни соли 2010 оид ба баррасии миёнамӯҳлати ҳамаҷонибаи ҷараёни баргузории Даҳсола истиқбол менамояд;

6. ба Раиси Маҷмаи Умумӣ пешниҳод мекунад, ки 22 марти соли 2010 дар Ню-Йорк дар Рӯзи ҷаҳонии захираҳои об дар доираи иҷлосияи шасту чоруми Маҷмаи Умумӣ муколамаи интерактивии сатҳи баланд оид ба масъалаи гузаронидани Даҳсола ташкил карда шавад;

7. аҳамияти ҷалби ҳамаҷонибаи ҳама ҷонибҳои манфиатдори дахлдор, аз ҷумла занон, кӯдакон, пиронсолон, маъюбон, аҳолии бумӣ ва дигар намояндагони аҳолии маҳаллиро дар гузаронидани Даҳсола дар ҳама сатҳҳо, аз ҷумла гузаронидани баррасии ҳамаҷонибаи миёнамӯҳлати он таъкид мекунад;

8. аз Дабири кул хоҳиш мекунад, ки дар бораи ташкили кори конфронси зикршуда нома омода кунад;

9. ба мақомоти дахлдори Созмони Милали Муттаҳид, муассисаҳои махсусгардонидашуда, комиссияҳои минтақавӣ ва дигар ташкилоти Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид пешниҳод менамояд, ки дар омодасозии ин конфронси сатҳи баланд фаъолона иштирок намоянд;

10. ба Дабири кул пешниҳод мекунад, ки дар ҳамкорӣ бо шабакаи "СММ - захираҳои обӣ" барои дастгирии давлатҳои аъзо дар баргузории нимаи дуюми Даҳсола чораҳои зарурӣ андешад;

11. аз Дабири кул хоҳиш мекунад, ки дар ҷаласаи шасту панҷуми Маҷмаи Умумӣ дар бораи татбиқи ин қатъънома, инчунин дар бораи чорабиниҳои ба нақша гирифтаи Дабири кул ва ташкилоти дахлдори Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар доираи Даҳсола гузориш диҳад.

*Ҷаласаи 66-уми пленарӣ,*

*21 декабри соли 2009*